# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОР

## Дар бораи танзими фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ», моддаи 36 ва 44 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», моддаҳои 32 ва 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки зиёда аз 50 дарсади сармояи оинномавии онҳо ба давлат тааллуқ дорад, пас аз пардохти андозҳо 10 дарсади фоидаи софи ба ҳиссаи давлат тааллуқдоштаро аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории соли 2024 ва солҳои минбаъда на дертар аз 1 июли пас аз соли ҳисоботӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронанд. Муқаррароти мазкур нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавии давлатӣ татбиқ намегардад.

2. Мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- тибқи тартиби муқарраргардида барои таъмини иҷрои банди 1 қарори мазкур ва оид ба тақсимоти фоидаи софи боқимондаи ба ҳиссаи давлат тааллуқдошта, аз ҷумла ба фонди пешравии истеҳсолот ба андозаи 70 дарсад, ба фонди рушди иҷтимоӣ ба андозаи 10 дарсад, ба фонди ҳавасмандкунии моддӣ ба андозаи 10 дарсад ва ба фондҳои дигар (суғуртавӣ, захиравӣ ва ғайра) ба андозаи 10 дарсад равона намудани он чораҷӯйӣ намоянд;

- вобаста ба эҳтиёҷоти самти фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидор дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабули қарори дахлдор дар ҷаласаҳои умумии

саҳмдорони ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ барои муайян намудани меъёри дигари тақсимоти андозаи фондҳои дар сархати якуми банди мазкур дарҷгардида чораҷӯйӣ намоянд.

3. Маблағи бақияи қарзи пардохт аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки тибқи талаботи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2023, №118 «Дар бораи меъёри пардохт аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад» барои давраи солҳои 2022-2023 мутобиқи баҳисобгирии андозӣ ҳисоб шуда, то мавриди амал қарор гирифтани қарори мазкур пардохт нагардидааст, мутобиқи меъёрҳои бандҳои 1 ва 2 қарори мазкур танзим гардида, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онро аз ҳисобварақаи шахсии чунин субъектҳо хориҷ намояд.

4. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 1 феврали баъди соли ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи ҷамъиятҳои хоҷагидор ва вазорату идораҳо номгӯйи корхонаҳои давлатиро, ки дар банди 1 қарори мазкур пешбинӣ шудаанд, пешниҳод намоянд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ гузарондани пардохтҳои дар банди 1 қарори мазкур муқарраршуда дар гурӯҳбандии қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ рамзи алоҳида кушояд.

6. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 1996, № 262 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби тақсим ва истифода бурдани фоидаи корхонаҳои давлатӣ» ва аз 27 марти соли 2023, № 118 «Дар бораи меъёри пардохт аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад» аз эътибор соқит дониста шаванд.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 28 феврали соли 2025, № 115